# ПРОТОКОЛИ № 3

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктор фалсафа (PhD) – доктор аз рӯии ихтисос, номзади илм ва доктори илм

**24 декабри соли 2024** **ш. Душанбе**

**Иштирок карданд**:

Аз ҳайати аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, ки ба миқдори 9 нафар тасдиқ карда шудааст – иштирок доранд 8 нафар, аз он ҷумла доктороні илм аз рӯйи ихтисоси баррасишавандаи диссертатсия 4 нафар.

24 декабри соли 2024 соати $10^{00}$ дар толори Шурои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ш. Душанбе, куч. Гипрозем-17) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 баргузор гардид.

Дар ҷаласа аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024 №146/шд тасдиқ шудааст, 8 нафар иштирок доштанд.

Оид ба оғози кори Шуро кӣ чӣ гуна пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки ба кори Шуро оғоз бахшида шавад. Кӣ ҷонибдори он, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Тарафдор - 8 нафар, муқобил, бетараф? Нест. Якдилона кабул гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзуи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ.

Баромади муовини раиси Шурои диссертатсионӣ Раҷабов Н.А. дар масъалаи мазкур, оид ба тасдиқ намудани рӯзномаи ҷаласаи шуро шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи чорвои кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур солҳои 2010-2016 иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳимов Шарофҷон Тоирович – доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи биотехнологияи инноватсионии Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ.

**Муқарризони расмӣ:** - Рузибаев Нураддин Раҳимович - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, мудири шуъбаи Оҳангаронии институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Ӯзбекистон»

- Шокирӣ Камолиддин Маҳмадалӣ - номзади илмҳои кишоварзӣ, роҳбари ҶДММ "ДиЭйАй" Глобал дар Тоҷикистон.

Ҳарду муқаррризи расмӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ ҳузур доранд.

**Муассисаи тақриздиҳанда -** Институти илмӣ - таҳқиқотии чорводорӣ ва истеҳсоли хӯрокаи Қазоқистон.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Шералиев Ф.Ҷ., аъзоёни Шурои диссертатсиониро бо ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба Шурои диссертатсионӣ шинос кард.

Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед муҳтавои диссертатсияи худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ маърӯза намуд.

Ба унвонҷӯ 8 савол аз тарафи доктори илмҳои кишоварзӣ профессор, Раҷабов Ф.М., д.и.к. Эрагашев Д.Д., н.и.к. Наботов С.Қ., н.и.к Ҷурабегзода А.Ҷ., н.и.к., Давлатов Х.Қ. дода шуд. Ба ҳамаи саволҳо унвонҷӯ ҷавобҳои мушаххас дод.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи биотехнологияи инноватсионии Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ, Раҳимов Шарофҷон Тоирович баромад намуд.

Котиби илмӣ матни пурраи тақризи муассисаи пешбар - Институти илмӣ - таҳқиқотии чорводорӣ ва истеҳсоли хӯрокаи Қазоқистон ва ҭақризҳои ба унвони Шурои диссертатсионӣ оид ба автореферати диссертатсия ворид шударо қироат намуд. Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буданд ва эродҳои дар онҳо қайд гардида, бештар характери тавсиявӣ доштанд.

Унвонҷӯ ба баъзе эродҳои дар тақризҳо нишондодашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

**Муқарризони расмӣ:** Рузибаев Нураддин Раҳимович - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, мудири шуъбаи Оҳангаронии институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Узбекистон» ва Шокирӣ Камолиддин Маҳмадалӣ - номзади илмҳои кишоварзӣ, роҳбари ҶДММ "ДиЭйАй" Глобал дар Тоҷикистон тақризҳои худро қироат намуданд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризи муқарризони расмӣ нишон

додашуда, тариқи ҷавобҳо баромад кард.

Дар муҳокимаи диссертатсия доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Раҷабов Ф.М., номзади илмҳои кишоварзӣ Наботов С.Қ., номзади илмҳои кишоварзӣ Давлатов Х.Қ., номзади илмҳои кишоварзӣ Сафаров Т.С., доктори илмҳои кишоварзӣ узви пайвастаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Комилзода Д.Қ., доктори илмҳои кишовавврзӣ Раҷабов Н.А., баромад намуданд.

Унвонҷӯ бо сухани ҷамъбастӣ баромад кард.

Навбат ба овоздиҳии пинҳонӣ расид. Барои гузаронидани он тариқи овоздиҳии кушод комиссияи ҳисоб аз 3 нафар аъзоёни Шуро дар ҳайати: - Эргашев Д.Д. доктори илмҳои кишоварзӣ, - раис, Наботов С.Қ., номзади илмҳои кишоварзӣ, Ҷурабгзода А.Ҷ. номзади илмҳои кишоварзӣ, аъзо интихоб карда шуданд.

Аз 9 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ иштирок намуданд, 8 нафар, аз он ҷумла докторони илм аз рӯйи диссертатсияи дидашаванда 4 нафар.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ : тарафдор – 8, муқобил – нест, бетараф нест, бюллетенҳои тақсимношуда – 1.

Аъзоёни Шурои диссертатсионӣ тариқи овоздиҳии кушод протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ тариқи овоздиҳии кушод оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ба Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед қабул карда шуд.

Маърӯзаи кори диссертатсионии диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшедро дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, роҳбари илмӣ - доктори илмҳои кишоварзӣ, Раҳимов Шарофҷон Тоирович шунида, тақризи муассисаи пешбар - Институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва истеҳсоли хӯрокаи Қазоқистон, ки онро экспертҳо - Кенҷабаев Темерхан - номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими калони илмии шуъбаи гӯсфандпарварии Институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва истеҳсоли хӯрокаи Қазоқистон, инчунин котиби илмии ҳамин институт, номзади илмҳои кишоварзӣ Тажиева А.К. имзо гузоштаанд ва онро директори муассиса, доктори илмҳои кишоварзӣ профессор Тореханов А.А. тасдиқ намудааст, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ Рузибаев Нураддин Раҳимович - доктори илмҳои

кишоварзӣ, профессор, мудири шуъбаи Оҳангаронии институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ва Шокирӣ Камолиддин Маҳмадалӣ - номзади илмҳои кишоварзӣ, роҳбари ҶДММ “ДиЭйАй” Глобал дар Тоҷикистон, инчунин муқарризони ғайрирасмӣ - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Раҷабов Ф.М., номзади илмҳои кишоварзӣ Наботов С.Қ., номзади илмҳои кишоварзӣ Давлатов Х.Қ., номзади илмҳои кишоварзӣ Сафаров Т.С., доктори илмҳои кишоварзӣ узви пайвастаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Комилзода Д.Қ., доктори илмҳои кишоваврзӣ Раҷабов Н.А.- ро ба асос гирифта, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед бо дарназардошти мубрам будани мавзӯъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаи натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, шурои диссертатсионӣ **қарор мекунад**:

1. Диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзуи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ. пешниҳодгардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферат ва корҳои интишоршуда, дар дараҷаи лозима муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори мазкури шурои диссертатсиониро дастгирӣ намояд.

Муовини раис шурои
диссертатсионӣ, д.и.к. Раҷабов Наҷбудин Амиралиевич

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ, н.и.б. Шералиев Фируз Ҷалолович

**24. 12. 2024**

Имзои Раҷабов Н.А ва Шералиев Ф.Ҷ. – ро тасдиқ мекунам:
Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ Асоева С.